«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори ДМТ,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
«_23_» ___06___ 2022 г.

# ХУЛОСАИ
## Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03–таърихи фалсафа дар кафедраи таърихи фалсафа фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Кафердаи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ диссертатсияи Амирхон Ш.Т.-ро 29 июни соли 2022 (Протоколи №11/1) дар маҷлиси васеъ мавриди муҳокима қарор дода, ҷиҳати гузаштан аз даври дуюми экспертизаи муассиса ба Шурои олимони факултет пешниҳод кард. Шурои олимони факултети фалсафа санаи 30 июни соли 2022 (Протоколи №14) диссертатсияро ҷиҳати баррасӣ қабул ва муқарризони холисро барои ташхис ва баҳогузорӣ ба он, дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии факултети фалсафа Зиёев И.Ғ. ва доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳовиддинови АМИТ Диноршоева З.М. тасдиқ намуд.

Мушовири илмии диссертант - доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳаммадалӣ Музаффарӣ мебошад.

Шурои олимони факултети фалсафа аз рӯйи муҳокимаи диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» ва бо назардошти тақризҳои мусбати муқарризони холис хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсияи Амирхон Ш.Т. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, фарогири натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад. Муаллиф тавонистааст ба таври кофӣ муҳимияти мавзуро мушаххасан, тариқи шаш банд асоснок ва исбот намояд. Аз ҷумла, диссертант қайд менамояд, ки "руй овардан ба омӯзиш ва таҳлили интиқодии назариёти фалсафии мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс ва муайян намудани арзиш ва аҳамияти онҳо барои муҳити фарҳангии ҷомеаи муосир, дар давроне, ки буҳрони саросарии фарҳангиву ахлоқӣ дар

кулли олам эҳсос мегардад, аз муҳиму зарурӣ будани масъалаи мавриди назар, дарак медиҳад. Дар фазои фарҳангии замони муосир, ки аз як ҷониб раванди бунёд ва ташаккули давлатдории миллӣ ва аз ҷониби дигар масоили ахлоқӣ ба мушкилоти гуногун мувоҷеҳ гардида, муносибатҳои инсонӣ дар доираи манфиатҷӯйӣ ташаккул ёфта, мавқеи инсондӯстӣ, эҳсоси ҳамдардӣ, адолату таҳаммулпазирӣ ҳамчун масоили марказии ахлоқ ва инсонсоз заиф мегардад ва дар шароите, ки арзиши муқаддас доштани оила ҳамчун муҳимтарин институти иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони созанда камарзиш ва аз назар дур гардида аст, таҳқиқи андешаҳои арзишманди мутафаккирони гузаштаи мардумони тоҷику форс муҳиму актуалӣ мебошад". Андешаи зикргардида аз он далолат менамояд, ки диссертант муҳимияти мавзуи мавриди таҳқиқи худро барои ҷомеаи муосир бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок намудааст.

Қисмати дараҷаи омӯзиш ва сатҳи таҳқиқи мавзуъ низ, тавассути методологияи дурусти илмӣ таҳия гардида, муаллиф тавонистааст, дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ онро коркард намояд. Муваффақияти диссертант дар бахши мазкур он аст, ки сарчашмаҳо ва осори таҳқиқотиро вобаста ба муҳимияташон гурӯҳбандӣ намуда, таҳқиқталаб будани мавзуи худро исбот кардааст. Ҳамзамон, робитаи мавзуи мавриди таҳқиқ бо нақша ва барномаҳои илмӣ муайян гардида, мувофиқати пурраи он бо ихтисос собит карда шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия муайяншуда ба таври мушаххас баён гардида, бо объет ва предмети таҳқиқ алоқамандии бевосита доранд. Ҳамин мувофиқат боис гардидааст, ки масъалаҳои асосии гузоштаушуда дар диссертатсия коркард шуда, навгониҳои илман асоснок ва натиҷаҳои мантиқан дурусти асоснокро пешниҳод карда шаванд.

Асоси методологии таҳқиқотро фаҳмиши ратсионалии фалсафаи амалӣ, таҳлили муқоисавӣ ва истифода аз усулҳои гереmеневтикӣ ва умумимантиқӣ ташкил медиҳад. Тавассути усулҳои зикргардида диссертант тавонистааст, ки масъалаҳои гузоштаушударо ҳалу фасл ва хулосаҳои илман асоснок пешниҳод намояд. Ҳамин аст, ки дар диссертатсия навгониҳо ва қисмати ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо мавзуи диссертатсия ва объекту предмет комилан мувофиқат менамоянд.

Ҷанбаи назарияиву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки дар он кӯшиш карда шудааст, то дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда, таҳлили комплексии фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозиро дар доираи соҳаи таърихи фалсафа ва арзиши онро барои ҷомеаи муосир нишон диҳад. Навгониҳои кори диссертатсионӣ дар он аст, ки:

- таснифоти илмҳо аз назари мутафаккир таҳлил ва мақому ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар низоми илмҳои фалсафӣ равшан гардид;
- осори Қутбиддин Шерозӣ вобаста ба мавзуъ, муҳтаво ва соҳаи илм тасниф карда шуд;

- муайян карда шуд, ки Қутбиддин Шерозӣ ахлоқро ҳамчун илми фалсафие муаррифӣ менамояд, ки баррасикунандаи моҳияти ҳастии инсон, муайянсозандаи мақсади вуҷудияти он ва таъминкунандаи саодат буда, монеаҳои замонӣ, қавмию нажодӣ ва динию мазҳабиро намеписандад;
- комилан тағйирпазир будани ахлоқ аз назари мутафаккир ошкор гардида, таноқузҳои фикрӣ доир ба ин масъала нишон дода шудааст;
- арзиши меъёр ва сифатҳои ахлоқии муайяннамудаи Қутбиддин Шерозӣ барои ҷомеаи муосир ва тарбияи насли наврас ошкор карда шудааст;
- оила ҳамчун институти иҷтимоӣ аз назари Қутбиддин Шерозӣ таҳқиқ гардида, вазифаҳои иҷтимоии он мушаххас ва мувофиқати андешаҳои мутафаккир ба замони имрӯз муайян гардид;
- исбот карда мешавад, ки Қутбиддин Шерозӣ яке аз асосгузорони фалсафаи тарбияи инсон аст, ки усулҳои муосиртарини тарбияро вобаста ба қобилият, шавқ, ирода ва бидуни озори ҷисмониву равонии тарбиятгиранда, ки дар илми ахлоқ, педагогика ва психологияи муосир афзалият доранд, пешниҳод ва ҷонибдорӣ намудааст;
- андешаҳои сиёсию иҷтимоии мутафаккир таҳлил гардида, нишон дода шудааст, ки Қутбиддин Шерозӣ мафҳуми "сиёсат"-ро иборат аз таъмини зиндагии шоистаи аҳли ҷомеа ва дарёфти роҳҳои мувофиқи идораи давлат, иштироки аъзои ҷомеа дар идоракунии давлат донистааст, ки ба таърифи баённамудаи Макс Вебер ҳамоҳанг мебошад;
- ошкор гардидааст, ки дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ "сиёсати гуманистӣ" мавқеи марказиро ишғол намуда, ҷонибдори сиёсати инсонмеҳвар ва низоми сиёсию иҷтимоие мебошад, ки дар асоси ҳамфикрии иҷтимоӣ ва идоракунии одилона ташкил шуда бошад.

Дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъоли диссертант эҳсос мешавад. Монография ва мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби диссертант ба чоп расонида шудаанд, инчунин баромад дар конференсияҳои сатҳи гуногун ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд:

I.Монография:

1. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ [Мантн] /Ш.Т. Амирхон. Душанбе: "Эр-граф", 2022. -367с.

**II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

2. Амирхонов Ш.Т. Идейные предпосылки философии Кутбиддина Ширази [Текст] /Ш.Т. Амирхонов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2019, №3.- С. 141-145.
3. Амирхонов Ш.Т. Теоретические источники формирования философского учения Кутбиддина Ширази [Текст] /Ш.Т. Амирхонов // Изветия Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ.-Душанбе, 2019, №3. С.89-94.

4. Амирхон Ш.Т. Назаре ба осори фалсафии Қутбиддин Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3. – Душанбе, 2020.- С.99-108.
5. Амирхон Ш.Т. Қутбиддин Шерозӣ ва фалсафа асримиёнагии тоҷик [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Пайёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, №2.–Душанбе, 2020. - С.120-125. (ҳаммуаллиф: Ҷураев К.Ҷ.)
6. Амирхон Ш.Т. Назари Қутбиддини Шерозӣ доир ба моҳияти ахлоқ ва моҳияти он дар ҷомеа [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №5. –Душанбе, 2020.- С. 134-140.
7. Амирхон Ш.Т. Масъалаи тағйирпазирии ахлоқ дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №6. –Душанбе, 2020. - С. 107-113.
8. Амирхон Ш.Т. Мафҳум ва мазмуни сиёсат дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №8. –Душанбе, 2020. - С. 383-390.
9. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қудбиддин Шерозӣ ва аҳамияти таҳқиқи он [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. -Душанбе, 2020, №2.-С.134-142.
10. Амирхон Ш.Т. Аҳамияти таҳқиқи фалсафаи амалӣ ва таълимоти Қутбиддин Шерозӣ [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. -Душанбе, 2020, №4.-С.12-16.
11. Амирхон Ш.Т. Назаре ба дараҷаи омӯзиши шахсият ва афкори фалсафии Қутбиддин Шерозӣ [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Гузориши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. -Душанбе, 2020, №3.-С. 132-137.
12. Антропологияи Қутбиддин Шерозӣ [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови АМИТ. №2. -Душанбе, 2021. –С.71-75.
13. Амирхон Ш.Т. Зуҳури фалсафаи амалӣ ва марҳилаҳои рушди он [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе, 2021, №3.-С.71-80.
14. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи иҷтимоии Қутбиддини Шерозӣ [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3. – Душанбе, 2021.- С.122-130.
15. Амирхон Ш.Т. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3. –Душанбе, 2021.- С. 152-160.
16. Амирхон Ш.Т. Таснифоти илмҳо дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №6. –Душанбе, 2021.- С.97-103.
17. Амирхон Ш.Т. Меъёр ва сифатҳои ахлоқӣ аз назари Қутбиддини Шерозӣ [Текст] /Ш.Т. Амирхон // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №5. –Душанбе, 2022.- С.80-87.

III.**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

18. Амирхон Ш.Т. Ахлоқ ва нақши он дар солимии ҷомеа аз назари Абӯбакри Розӣ // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот,дурнамо ва роҳҳои рушд. Душанбе -2021. -С.211-219. (ҳаммуаллиф: Абубакри М.Г.)
19. Амирхонов Ш.Т. Фалсафаи амалӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми илмҳои фалсафӣ // Маводҳои конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои муҳими рушди фалсафа дар Тоҷикистони муосир". – Душанбе – 2019. –С.143-152.
20. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалӣ ва мақоми он дар ҷомеаи муосир // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналхалқӣ дар мавзуи "Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир" бахшида ба 30–солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. Душанбе, 2021. –С. 106-114.

Қисмати асосии диссертатсия, ки дар чор боб бо фарогирии дувоздах зербоб таҳия гардидааст, пурра ба объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқ мебошанд. Навгониҳои пешниҳодшуда ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз мазмуни диссертатсия сарчашма мегиранд. Пешниҳоди муаллифи диссертатсия Амирхон Ш.Т. дар мавриди он, ки хулосаю натиҷаҳои кори илмии пешниҳодшударо метавон ҳангоми анҷом додани корҳои таҳқиқотӣ доир ба таърихи фалсафа, ахлоқ, таърихи андешаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва педагогӣ ба таври васеъ истифода намуд, ба мақсад мувофиқ ва қобили дастгирист. Илова бар ин, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, курси лексияҳо ва дастуру воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафаи тоҷик, этика, афкори иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангшиносӣ истифода кардан, муфид ва самаровар ҳастанд.

Хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои бадастомадаи кори диссертатсиониро зимни бурдани корҳои тарбиявӣ ва ташвиқотӣ дар самти баланд гардонидани худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳанги миллӣ, пешгирӣ аз хурофот ва таассуботи динӣ ва рушди тафаккури эҷодӣ низ метавон истифода намуд.

Мавзуи таҳқиқгардида, сохтор ва мазмуни диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мувофиқ буда, бо "Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пурра мувофиқат намуда,

аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ мебошад ва ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026-и назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи Шурои олимони факултети фалсафаи ДМТ 25-уми августи соли 2022 қабул карда шуд.

Дар маҷлис 19 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 19 нафар; зид - нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №1 аз 25.08.2022.

**Раиси Шурои олимон, д.и.ф., профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби Шурои олимон** **Гадоев Н.**

**Муқарризи холиси якум, профессор** **Зиёев И.Ғ.**

**Муқарризи холиси дуюм, профессор** **Диноршоева З.М.**

**Имзои Маҳмадизода Н.Д., Гадоев Н., Зиёев И.Ғ. ва Диноршоева З.М.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Тавқиев**